Хулосаи

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар пазди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бораи кори диссертатсионии Мухлис Абдул Вадуд, дар мавзӯъи «Оиди баъзе масъалаҳои экстремалии наздиккунии функсияҳои даврӣ дар фазои L_2» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) — доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060101 — Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функционалӣ.

Назарияи наздиккунии функсияҳо яке аз қисмҳои муҳимтарини таҳлили математикӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи рушди дохилии илмҳои математикӣ ва эҳтиёҷоти амалӣ ин назария дар даҳсолаи охир бо суръати баланд инкишоф меёбад. Дар замони ҳозира воридшавии ғояҳо ва усулҳои назарияи наздиккунӣ дар тамоми шохаҳои мухталифи илмҳои математикӣ, хусусан дар самти амалӣ мушоҳида карда мешавад. Вобаста ба ин пойдевори назарияи наздиккунии дар асарҳои боқигузоштаи классикии Чебышев, Вейерштрасс, Ҷексон ва Бернштейн оиди наздиккунии функсияҳо бо бисёрузваҳо аз нав сохта шуда, дар заминаи васеътар ва мустаҳкамтар гузошта мешавад.

Дар кори диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии синфҳои функсияҳои даврӣ бо полиномҳои тригонометрӣ дар фазои гилбертии L_2 таҳқиқ карда шудаанд ва натиҷаҳои ниҳоӣ барои сарҳади болоии наздиккунии беҳтарин бо полиномҳои тригонометрӣ дар синфҳои мухталифи функсияҳои даврӣ баён карда шудаанд.

Масъалаҳои дар кори диссертатсионӣ таҳқиқшуда, аслан масъалаҳои экстремалии наздиккунии ҳамчояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнии онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ ба шумор меравад. Ба масъалаҳои номбаршуда корҳои А.Л.Гаркави, А.Ф.Тиман, Н.П.Корнейчук, С.Б.Вакарчук, М.Ш.Шабозов ва шогирдони онҳо бахшида шудааст.

Натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ ҳосилшуда аҳамияти назариявӣ доранд. Натиҷаҳои кор ва усулҳои исботи онҳоро дар масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои бисёртагирёбанда бо полиномҳои тригонометрӣ истифода кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия азхудкунии маводи тадқиқот бе иқтибоси мувофиқ ба муаллиф ё дигар манбаъҳо дида намешавад. Маводи тадқиқот ба таври пурра

дар 8 мақолаи илмӣ, аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки дар рӯйхати амалкунандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва 4 мақола дар маводи конференсияҳои илмии байналминалӣ ва ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидаанд.

Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 аъзо иборат аст, аз он ҷумла 5 докторони илм: Шабозов М.Ш., Джангибеков Г., Усмонов Н.У., Сафаров Дж., Юсупов Г.А. мутахассисон аз рӯи соҳаи диссертатсия мебошанд.

Комиссияи эксперти пешниҳод менамояд, ки барои диссертатсияи баррасишаванда таъин карда шаванд:

- **Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- **муқарризони расмӣ:**

Ҳасанов Ю. — доктори илмҳои физикаю математика, профессори Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

Қозиев Г.М. — номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи математика дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар асоси баррасии кори диссертатсионии Мухлис Абдул Вадуд, дар мавзӯъи «Оиди баъзе масъалаҳои экстремалии наздиккунии функсияҳои даврӣ дар фазои L_2» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060101 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ ба хулоса омадем, ки диссертатсия ба талаботи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дифоъ қобили қабул аст.

Раиси комиссияи эксперти:

доктори илмҳои физикаю математика **Дж. Сафаров**

Аъзоёни комиссияи эксперти:

номзади илмҳои физикаю математика **О. Каримов**

номзади илмҳои физикаю математика **Г. Хуҷаназарова**